«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишкадаи давлатии забонҳои
Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода н. и. п.,
дотсент ____________ Раҷабзода Маҳмадулло
«25» ____04______ соли 2020

**Тақризи**

**муассисаи тақриздиҳанда ба диссертатсияи Ҳайдарова Сурайё Абдурозиқовна дар мавзӯи «Худшиносии миллӣ ва ҳофизаи таърихӣ дар романи «Гардиши девбод»-и Абдулҳамид Самад» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик**

Адабиёти бадеӣ дар таърихи ҳар як халқу миллат яке аз воситаҳои муҳимми инъикоси таъриху фарҳанг, урфу одат ва расму арзишҳо буда, дар мавридҳои ҷудогона нисбат ба асарҳои таърихӣ ва сиёсиву илмӣ дар бораи таърихи гузаштаи ин ё он халқ метавонад маълумоти бештар ва фарогиру густарда диҳад. Вобаста ба ин таваҷҷуҳ ба масъалаҳои тасвири бадеии таърих ва таҷассуми бадеии собиқаи халқу миллати худ на ба ҳар як нависанда муяссар мешавад, зеро ин гунаи фаъолият баробари маҳорату истеъдод, қобилият ва қареҳаи эҷодӣ, донишу маърифати баланд ва андешаи тафаккури сатҳи баландро тақозо менамояд.

Мусаллам аст, ки дар адабиёти бадеӣ на ҳар адиб барои тасвири собиқаи таърихии халқу миллати худ дастбакор мешавад. Бинобар ин, дар адабиёти муосири тоҷик камтар адибоне чун Садриддин Айнӣ, Ҷалол Икромӣ ва Сотим Улуғзода ва назири онҳо муваффақ шудаанд, ки воқеияти давраҳои гуногуни таърихи халқи тоҷикро бо тамоми бартарӣ ва камию костӣ дар асарҳои худ ба қалам диҳанд ва дар ин замина қиссаву асарҳое офаранд, ки тамоми ҷузъиёти бадеии онҳо аз доираи замон ва воқеият берун нашудааст. Нависандаи шинохтаи адабиёти муосири тоҷик Абдулҳамид Самад низ аз ҷумлаи ҳамон адибони соҳирқалами тоҷик аст, ки дар ҷодаи зикршуда бо офаридаҳои ҷолиби худ саҳми назаррас дорад.

Мубрамияти ҳамин нуктаҳо боиси мавриди таҳқиқоти диссертатсияи Ҳайдарова С. А. таҳти унвони «Худшиносии миллӣ ва

ҳофизаи таърихӣ дар романи «Гардиши девбод»-и Абдулҳамид Самад» гардидааст. Гуфтан мумкин аст, ки нахустромани нависанда А. Самад маҳсули даврони Истиқлолият буда, марҳалаҳои таърихии тоҷиконро дар солҳои 1920-1990 мавриди тасвир ва тадқиқи бадеӣ қарор додааст.

Романи мазкур аҳамияти илмӣ ва амалии назаррас дошта, дар шинохти марҳалаҳои таҳаввули худшиносии миллии тоҷикон ва муборизаҳои онҳо барои истиқлолу ягонагии миллӣ ва озодихоҳӣ дар марҳилаҳои гуногуни таърихӣ бештару беҳтар мусоидат менамояд. Дар баробари ин, моҳият ва арзиши илмии рисолаи мазкур дар омӯзиши нақши насри бадеии таърихии муосир дар таҳаввули худогоҳӣ ва худшиносии миллии халқи тоҷик маводи арзишманд буда, ҳамзамон дар даврони истиқлолияти давлатию миллии мардуми тоҷик сабақи бузурги худогоҳӣ ва хештаншиносӣ хоҳад буд.

Ба ҳамин тартиб, мақсади асосии таҳқиқ, қабл аз ҳама ба мубрамияти мавзӯъ рабт дошта, ҳамзамон, дар рисола таҳлилу пажӯҳиши ҳамаҷонибаи аҳвол, марҳалаҳои рушди насри адиб, ҳунари нависандагӣ ва таҷассуми таърих дар роман ҳадафи асосии таҳқиқ қарор дода шудааст. Таҳқиқи хусусиятҳои ғоявию бадеӣ ва услубии қиссаву романҳои нависанда, муайян кардани қонунмандиҳои таърихӣ ва бадеӣ дар офаридани образҳо ва ба ин восита нишон додани мақоми адиб дар таҷассуми воқеаҳои таърихии халқи тоҷик дар асари бадеӣ аз ҷумлаи вазифаҳои муҳимми адабиётшиносии тоҷик дар замони истиқлол мебошанд. Барои расидан ба ҳадафи асосии таҳқиқ дар диссертатсия ҳалли вазифаҳои зерин пешбинӣ шудааст: баррасии мухтасари зиндагӣ ва осори А. Самад; ба марҳалаҳо ҷудо намудани эҷодиёти нависанда; таҳлили сохти композитсионии романи «Гардиши девбод»; таҳлили мухтасари образҳои асар; баррасии муносибати нависанда ба воқеаҳои инқилоби Октябр; таҳқиқи мувофиқати тасвири бадеӣ ба воқеаҳои таърихии замони Ҷанги Бузурги Ватанӣ ва айёми таъқибот; муайян намудани симои нависанда чун шоҳиди воқеаҳои ҷанги шаҳрвандӣ;

таъкид намудани иртиботи «Гардиши девбод» ба ҳаёти иҷтимоӣ ва суннатҳои мардумӣ; нишон додани забон ва услуби нигориши асар чун ифодаи арзишҳои миллӣ;

Дар баробари ин, дар мавридҳои ҷудогона масъалаи вижагиҳои нотакрори эҷодии адиб мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст, ки муҳиммияти илмию назарии диссертатсияро боло бурдааст.

**Навгонии илмии таҳқиқ** дар он дида мешавад, ки дар диссертатсия бори нахуст дар адабиётшиносии тоҷик таҳқиқи ду китоби романи “Гардиши девбод” дар алоқамандӣ бо якдигар мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода шудааст.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқ** бар он асос меёбад, ки дар диссертатсия ҷойгоҳи мундариҷавӣ ва бадеии насри таърихии тоҷик дар адабиёти замони нав муайян гардида, ҳунари нависандагии А. Самад дар тасвири бадеии ҳодисаву воқеоти таърихӣ нишон дода мешавад.

**Арзиши амалии таҳқиқ** аз он бармеояд, ки натиҷаҳои таҳқиқи дар диссертатсия анҷом додашуда ҳангоми омӯзиши таърихи адабиёти тоҷик дар замони нав метавонад мавриди истифода қарор дода шавад ва муҳаққиқони насри таърихии тоҷикро водор намояд, ки зимни таҳлилу баррасиҳои илмӣ ба принсипҳои методи муқоисавӣ-таърихӣ таваҷҷуҳи бештар зоҳир намуда, замону макони рӯйдодҳои таърихиро дар тасвири бадеӣ ба назари эътибор гиранд. Маводи таҳқиқи рисола, инчунин, метавонад ҳангоми таълифи таърихи насри муосири тоҷик ва, алалхусус, боби марбут ба насри бадеии А. Самад, омода кардани лексияҳо ва курсу семинарҳои махсус мавриди истифода қарор дода шавад.

Диссертатсия аз муқаддима, се боби иборат аз фаслҳои мутаносибан мантиқию пайдарҳам, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат аст.

Дар муқаддима мубрамияти мавзӯи таҳқиқ, дараҷаи омӯзиши он, ҳадаф ва вазифаҳои ба миён гузошташуда, навгониҳои таҳқиқ, арзиши назарӣ ва амалии он, асосҳои методологии таҳқиқ, нуктаҳои асосии ба

ҳимоя пешниҳодшаванда ва татбиқи натиҷаи таҳқиқот муаррифӣ карда шудааст.

Боби якуми диссертатсия таҳти унвони «Абдулҳамид Самад ва эҷодиёти ӯ» дорои чор фасл аст. Фасли якуми боби мазкур бо унвони «Аҳвол ва осори Абдулҳамид Самад», характери назариявӣ дошта, ба сайри мухтасари зиндагиномаи нависанда ва эҷодиёти ӯ таваҷҷуҳ карда шудааст.

Фасли дуюми боби якуми диссертатсия таҳти унвони «Марҳалаҳои рушди насри Абдулҳамид Самад» ба таҳқиқи рушду такомули насри адиб бахшида шудааст.

Фасли сеюми боби якум "Гардиши девбод" ва хусусиятҳои сохториву мундариҷавии он» унвон гирифта, дар бораи вижагиҳои сохтори асар натиҷагирӣ мекунад, ки романи мазкур дар адабиёти муосир падидаи нав дониста мешавад. Ҳамчунин, фасли чоруми боби аввал дар бораи образҳои асар ва интиқоли образҳои асарҳои пешинаи адиб дар роман таъкид мекунад.

Боби дуюми рисола бо унвони «Таҷассуми бадеии таърих дар романи «Гардиш девбод» » аз се фасл иборат аст ва таҳқиқи муносибату маҳорати адибро оид ба таҷассуми таърих дар асари бадеӣ дар бар мегирад.

Се фасли боби дуюми диссертатсия – «Таҷассуми бадеии воқеаҳои инқилобӣ дар асар», «Тасвири айёми таъқибот ва Ҷанги Бузурги Ватанӣ» ва «Ҷанги шаҳрвандии Тоҷикистон ва тасвири бадеии он» номгузорӣ шуда, таҷдиди назари нависанда оид ба марҳалаҳои таърихӣ баррасӣ карда мешавад.

Истифодаи ҷузъиёти мушаххаси воқеаҳо ва образҳои воқеӣ ҷанбаи публитсистии асарро пурқувват гардонидааст, ки ин масъала аз ҷониби муаллифи диссертатсия баррасӣ гашта, яке аз самтҳои муҳимми натиҷагирии илмии пажӯҳишро нишон медиҳад.

Боби сеюм – «Хусусиятҳои миллии роман» унвон дошта, аз се фасл иборат мебошад. Фасли аввали ин боб «Тасвири суннатҳои мардумӣ дар роман» ном дошта, муносибатҳои иҷтимоӣ, гиромидошти расму русуми миллӣ миёни мардуми кӯҳистони тоҷикро дар асари мавриди таваҷҷуҳ мавриди таҳлил қарор додааст.

Дар фасли дуюми боби сеюми диссертатсия «Худшиносии миллӣ ва ҳофизаи таърихӣ» ба таҳқиқи масъалаи бозтоби воқеияти таърихӣ дар романи «Гардиши девбод» ва нақши ҳунари нависандагии А. Самад дар тасвири ин воқеият бахшида шудааст. Ба таъкиди муҳаққиқ, романи «Гардиши девбод» асари миллист ва дар ин ҷода адиб ба хотири зинда кардану нигоҳ доштани рӯҳи миллии асар аз тасвири воқеа ва кушоиши гиреҳҳо, таҷассуми ақидаву ғояҳои нек, чигунагии образу характерҳо моҳирона истифода намудааст. Бинобар ин, ҷойгоҳу нақши ин асар дар парвариши идеяи миллӣ, худшиносиву худогоҳии миллӣ, эҳсоси баланди ватандориву озодихоҳӣ хеле бузург аст.

Дар фасли сеюми ин боб ба хусусиятҳои забон, услуб ва фардияти эҷодии нависанда дар роман таваққуф карда шудааст. Дар диссертатсия таъкид гардидааст, ки забон муҳимтарин омили тасвири бадеӣ, нахустунсури адабиёт аст. Ба масъалаҳои мубрами адабиётшиносӣ таваҷҷуҳ намуда, муаллифи рисола муайян намудааст, ки ҳар як нависанда ҳангоми навиштани асари бадеӣ ба захираи забони адабӣ, ки пурра дар ихтиёри ӯст, муроҷиат менамояд ва дар ифодаи мафҳумҳои гуногун калимаҳои созгору дархӯри мавриди тасвирро интихоб намуда, аз рӯйи қонунияти наҳв ҷумлаҳо месозад. Дар ин замина А. Самад аз ҷумлаи нависандагонест, ки ҳангоми тасвир барои табиӣ баромадани фардияти нутқи образҳои асарҳояш забонро хеле хуб риоя намудааст. Ӯ дар истифодаи алфозу таъбирот хеле эҳтиёткор буда, онҳоро дар асоси қоидаҳои маъмули забони адабӣ истифода менамояд.

Муҳаққиқ таъкид менамояд, ки андеша ва мулоҳизаҳои фарогир оид ба муҳимтарин рӯйдодҳои таърихӣ ба нависанда имконият додааст, ки аз

усулҳои гуногуни тасвири реалистӣ бо маҳорат истифода бурда, тавассути сужет ва образҳои асосӣ тақдири таърихӣ, зиндагии иҷтимоӣ ва фарҳангии халқи тоҷикро тули як аср ба таври амиқу равшан инъикос намояд.

Дар баробари комёбиҳои ҷолибу арзишманди илмӣ дар рисола баъзе нуктаҳои баҳснок ва ислоҳталаб ба мушоҳида мерасанд, ки мехостем онҳоро ба тартиби зайл баён намоем:

1. Нигоҳи интиқодии муаллифи диссертатсия ба масъалаҳои мавриди таҳқиқ камрангтар ба назар мерасад, ки дар сурати ислоҳи он имкони рӯнамо кардани масъалаҳои мубрами адабиёти бадеии муосир ба даст меояд.

2. Такрори мисолҳо аз осори бадеии адиб дар саҳифаҳои гуногуни рисола дида мешаванд, ки гоҳо пурра такрор намудани онҳо ба назари мо зарурат надоштанд.

3. Дар муқаддимаи рисола номи муҳаққиқони маъруф чун Е. Э. Бертелс, И. С. Брагинский, Д. С. Лихачев ва М.М. Бахтин ва дигар адабиётшиносони хориҷӣ зикр гардида бошанд ҳам, дар диссертатсия аз пажӯҳиши онҳо истифода нашудааст.

4. Масъалаи муқоисаи таҷассуми таърих бо осори адибони ҳамасри А. Самад, махсусан дар адабиёти муосири тоҷик ва адабиёти собиқ шӯравӣ, метавонист арзиши илмию назари диссертатсияро боло барад.

5. Дар саҳифаҳои гуногуни диссертатсия ғалатҳои имлоӣ ва услубӣ ба назар мерасанд, ки ислоҳи онҳо сифати рисолаи илмиро беҳтар хоҳад намуд.

Бо ҳамин тартиб, нуктаҳои фавқуззикр метавонанд ба сабукӣ ислоҳи худро ёбанд ва онҳо ҳусни илмии рисоларо намекоҳонанд.

Метавон хулоса кард, ки рисолаи Ҳайдарова С. А. ба меъёрҳо ва талаботи корҳои илмии КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллиф ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01– Адабиёти тоҷик сазовор аст.

Тақризи муассисаи тақриздиҳанда дар ҷаласаи кафедраи назария ва таърихи адабиёти факултети филологияи тоҷики Муассисаи давлатии таълимии ДДЗТ ба номи Сотим Улуғзода дар таърихи 23. 04. с. 2020, қарори № 9 бо иштироки диссертант Ҳайдарова С. А. муҳокима гардид.

Иштирок доштанд: 14 нафар, натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор-14 нафар, зид-нест, бетараф-нест.

**Раиси ҷаласа:**
**Мудири кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, номзади илмҳои филологӣ, дотсент** **Шамсов Н. С.**

**Котиби ҷаласа:**
**Номзади илмҳои филологӣ** **Боев Ш. Э.**

**Ташхисгар:**
**д. и. ф., профессори кафедра** **Давлатбеков Л. М.**

**Имзои Шамсов Н. С., Боев Ш. Э. ва Давлатбеков Л. М.-ро тасдиқ менамоям:**
**Сардори шуъбаи кадрҳои ДДЗТ ба номи Сотим Улуғзода** **Наҷмуддинов Ш. М.**

**734019, ш.Душанбе, хиёбони Ф.Муҳаммадиев 17/6., тел.(+992 37) 232-50-00;**
**E-mail: shamsov1960@mail.ru.**